**ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ**

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.06.2023, №19**

Барои сазовор донистани Азимова Муқадасхон Муҳамедовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

Диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ санаи 18 апрели 2023 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №31 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ, Азимова Муқадасхон Муҳамедовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 18-уми июли соли 1969 дар таваллуд шудааст.

Соли 2006 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2009 аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз, бо тахассуси иқтисодчӣ, хатм намудааст.

Аз соли 2020 то ҳол ҳамчун муаллими калони кафедраи мазкур фаъолият мебарад.

Азимова М.М. солҳои 2014 - 2019 унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Мавзуи диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон суратҷаласаи №8 аз 30.04.2014 сол тасдиқ шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Мирсаидов Саидакмал Аврорович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шаропов Фарҳод Разоқович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Ойматов Бахтиёр Шораҳматович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Саидова Ҳ.М. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи №8, аз 23.05.2023с.) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионӣ Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02.–Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт дода шавад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 12 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашриягҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки муҳтавои диссертатсияи мазкурро ифода менамояд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

### а) мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Азимова М.М. Зарурияти рушди иқтидори ташкилӣ иқтисодии сектори ҷамъиятӣ дар деҳот [Матн] / М.М. Азимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2020. - №5. - С. 107-113 (ISSN 2413-5151).

[2-М]. Азимова М.М. Мазмун ва сохтори неъматҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти бахши давлатии иқтисод [Матн] / М.М. Азимова, С.А. Мирсаидов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2021. №1(56). - С. 57-64 ISSN 2077-4974.

[3-М]. Азимова М.М. Хусусиятҳои минтақавии фаъолияти бахши давлатӣ дар соҳаи таъмини неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ [Матн] / М.М. Азимова, С.А. Мирсаидов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. №4. - С. 32-40.

[4-М]. Азимова М.М. Таснифи хусусиятҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва зарурати такмили низоми бозории он. [Матн] / М.М. Азимова, // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2023. №1(64). - С. 69 – 75. ISSN 2077-4974.

[5-М]. Азимова М.М. Рушди бахши давлатии вилояти Суғд дар доираи пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ [Матн] /М.М. Азимова //Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2023. №1(35). – С.261-268 ISSN 2663-0389.

**б) мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Азимова М.М. Перспективные направления общественного сектора экономики Республики Таджикистан /Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар асри XXI: дурнамои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ». - Хуҷанд: “Ношир”, 2015. - С. 163 - 167. (0,3ҷ.ч.)

[7-М]. Азимова М.М. Роль государства в общественном секторе экономики Республики Таджикистан. Конференсияи илмӣ - назариявии олимону устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони «Нақши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ». - Хуҷанд: “Дабир”, 2016. - С. 136 - 139. (0,25 ҷ.ч.)

[8-М]. Азимова М.М. Теоретические аспекты организации общественного сектора /Конференсияи илмӣ-амалии олимон, муҳаққиқони ҷавон, магистрантон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони “Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - муаррифгари фарҳанги миллӣ”, бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ». - Хуҷанд, 2018. - С. 6 - 8. (0,2 ҷ.ч.)

[9-М]. Азимова М.М. Инкишофи низоми ниҳодҳои заминавии бахши ҷамъиятии иқтисодиёти минтақа дар бахши неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ. Конференсияи анъанавии илмӣ-амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони “Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақами”, бахшида ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик Хуҷанд, 2020. ДДҲБСТ. - С. 141 – 144. (0,25 ҷ.ч.)

[10-М]. Азимова М.М. Мавқеъ ва аҳамияти неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар бахши ҷамъиятии иқтисодиёт. Таъмини рушди устувор ва

рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ. // Маводи форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Хуҷанд: "Дабир", 2020. - С. 375 - 378. (0,25 ҷ.ч.)

[11-М]. Азимова М.М. Асосҳои ниҳодии рушди бахши ҷамъиятии давлатии иқтисодиёти минтақа. /С.А. Мирсаидов, М.М. Азимова //. Конференсияи илмӣ-амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони "Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ", бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик Хуҷанд, 2021. ДДҲБСТ. - С. 5 - 12. (0,5 ҷ.ч.)

[12-М]. Азимова М.М. Самтҳои афзалиятноки рушди бахши давлатии иқтисодиёт дар минтақа. Конференсияи анъанавии илмӣ-амалии профессорон омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2020-2026 "Солҳои рушди саноат" ва Рӯзи илми тоҷик таҳти унвони "Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ" Хуҷанд, 2022. ДДҲБСТ. - С. 103- 107. (0,3 ҷ.ч.)

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Ахмедов Усмонҷон Ҳомидҷонович – н.и.и., дотсент, муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд** бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферати рисолаи диссертатсионӣ масоилҳо оид ба тамоюлҳои рушди шарикии давлатӣ-хусусӣ дар доираи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилояти Суғд дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст; 2) Дар навгонии 2 чунин қайд карда мешавад, "Асоснок карда шуд, ки такмилу коркарди механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғ.). Вале, дар автореферат соҳаи фарҳанг мавриди омӯзиш ва қарор нагирифтааст.

**2. Шарифов Илҳомҷон Орифович – н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** бо чунин эродҳо: 1) Хуб мешуд, муаллиф бо мақсади муайян намудани афзалияти бахши давлатӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоии вилояти Суғд таҳлилҳои муқоисавӣ мегузаронд. 2) Масъалаи шарикии бахши давлатию хусусӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба таври кифоят кушода дода нашудааст.

**3. Самандарзода Искандар Ҳусейн – д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур** бо чунин эродҳо: 1) Хуб мебуд, агар муаллиф диққати асосиро ба асосҳои институтсионалии идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона месохт. 2) Муаллиф таҷрибаи давлатҳои

пешқадамро оид ба масъалаҳои бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дод, кори илмӣ бурд мекард.

**4. Реҷапов Хайрулло Хикматуллоевич – доктори фалсафа (PhD), дотсент, мудири кафедраи “Молия ва қарз”- и факултети иқтисодии Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек** бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферати кори диссертатсионӣ моделсозии иқтисодию математикии нишондиҳандаҳо оид ба таъмини неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ба таври қофӣ амиқ инъикос нагардидааст. 2) Дар автореферат баъзе хатогиҳои грамматикӣ мавҷуданд.

**5. Миразизов Абдулло Ҳабибович – н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** бо чунин эродҳо: 1) Новобаста аз тавсифи муназзами автореферати пешниҳодгардида, муаллиф омилҳои муайянкунандаи дараҷаи рушди устувори бахши давлатиро дар истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ асоснок мекард хуб мешад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, махсусан маорифу тандурустӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи муаллифии*** «Бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ» оид ба он, ки: «Бахши давлатӣ ҳамчун як ҷузъи сохтории иқтисоди омехта маҷмуи сохтор ва ташкилотҳои институтсионалӣ мебошад, ки ба истеҳсол ва пешниҳод кардани неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ баҳри қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва дар асоси захираҳои (пеш аз ҳама молиявӣ) дар ихтиёри онҳо мавҷудбуда равона карда шудааст» ***тасҳеҳ ва пешниҳод шудааст***;

- ***исбот шудааст***, ки дар натиҷаи ташаккули маҷмуи шаклҳои хусусӣ ва давлатии ташкили истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ як фазои иқтисодӣ (навъи омехтаи иқтисодиёт) барои ҳамкории механизмҳои

вазъи бозорӣ ва иштироки сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ ё амали ниҳодҳои давлатӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст.

- ф**арзияи илмӣ** оид ба нақши бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг) на танҳо дар таъмини рушди инсон ва сармояи инсонии милливу минтақавӣ, балки имконияти таъсиррасонӣ ба ҳалли дилеммаи миёни самаранокии иқтисоди бозорӣ ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ***исбот шудааст***.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- ***муқаррароти*** таҳқиқоти илмӣ барои равшанӣ андохтан ва инкишофи назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ, пурра гардидани дониш дар бораи бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ***мусоидат мекунанд***.

- ***типологияи*** муайянкунандаи бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар сатҳи минтақа, ки ба тадбиқи самараноки механизмҳои идоракунии захираҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ боис мегарданд, таҳия шудааст.

- ***тамоюли устувори*** рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ, ки аз табиати давлати иҷтимоӣ бармеояд, дар мамлакат ва минтақаҳои он муаяйн ва бартариятҳои рақобатии вилояти Суғд нишон дода шудааст.

- ***таносуби*** дахлдори истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ байни марказ ва минтақаҳо, таъминоти захиравии он муайян карда шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок**

**- ғояи** зарурати омӯзиши бахши давлатии иқтисодӣ ***асоснок шудааст,*** ки дар он неъматҳо - захираҳо, молҳо, хизматрасонӣ на бо воситаи бозор, балки ба воситаи чунин муассисаҳои иқтисодӣ, ба мисли мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тақсим карда мешаванд.

- ***тавсияҳои илман*** асоснок кардашуда, оид ба такмили низоми стратегии идоракунии бахши давлатии вилояти Суғд дар самти истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ ***пешниҳод гардидаанд***, ки зарурати такмили стандартҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, муносибгардонии сохтори бахши давлатӣ тавассути афзоиши ҳиссаи институтсионалии Худмухтор ва ташкилоти ғайритиҷоратии ғайридавлатӣ, рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро вобаста ба талаботи марҳалаи нави рушди мамлакат ва минтақаҳои он дар бар мегиранд.

- ***методикаи*** таҳлили муқоисавии неъматҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ барои муайян кардан ё ворид шудан ба мазмуни неъматҳои ҷамъиятӣ пешниҳод ва асоснок шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- ***натиҷаҳои*** ҳосилшудаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккули низоми муассири идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар курсҳои таълимии "Иқтисоди бахши давлатӣ", "Танзими давлатии иқтисод", "Иқтисоди минтақавӣ ва менеҷмент", инчунин дар таҳияи курсҳои махсуси менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ истифода шуда метавонанд.

- ***методология ва модели*** пешниҳодкардаи муаллифро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ, ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатии бахши давлатӣ барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии вилояти Суғд ва такмили низоми идоракунӣ, ки ба қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоии минтақаи мазкур равона карда шудааст, истифода бурдан мумкин аст.

- ***натиҷаҳои*** ҳосилшудаи таҳқиқоти илмӣ барои ташаккули низоми муассири идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ самараи иқтисодӣ дода, дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ аҳамияти илмию амалии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- арзёбии таносуби истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ байни марказ ва минтақаҳо, таъминоти захиравии он, ки дар ин замина алгоритми интихоби дурусти субъект, объект ва механизми идоракунии рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ пешниҳод шудааст**;**

- роҳҳои асосии такмил додани низоми идоракунӣ баҳри муносиб гардонидани хароҷоти буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, идоракунии сифати неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва истеҳсолот дар бахши давлатии хизматрасониҳои вилояти Суғди ҷумҳурӣ асоснок карда шудааст.

- дар асоси таҳлил сатҳи зуҳури вазифаҳои бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии вилоят, ҳолати рушди истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилоят ва тамоюли инкишофи омилҳои институтсионалии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии вилоят асоснок гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

- дар муайян кардани ҳадаф, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мудаллал сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот зоҳир мегардад.

- иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва

минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия собит мешавад.

- иштироки шахсии унвонҷӯ дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқоти таҷрибаи кишварҳои пешқадами дунё ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар мисоли вилояти Суғди ҷумҳурӣ зоҳир мегардад.

- дар омода намудани 12 мақола зоҳир мегардад, ки аз он ҷумла 5-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 аз санаи 23.06.2023 қарори сазовор донистани Азимова Муқадасхон Муҳамедовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, тарафдор 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**23 июни соли 2023.**